11495 - Дили пок дорад, вале падару модарашро эҳтиром намекунад

савол

Агар мусулмон намоз бихонад, амалҳои солеҳи зиёдеро анҷом бидиҳад ва дили пок дошта бошад, вале падару модари худро эҳтиром накунад ва ё ба онҳо эҳтимом наварзад. Оё ин хато аст? Ва оё ингуна шахс барои ин кор муҷозот карда мешавад?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

Бале, ин хато ҳисобида мешавад ва иҷрокунандаи он муҷозот карда мешавад, зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

فَلَا تَقُل لَّهُمَا أُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ۝ وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ

سورة الإسراء: ٢٣ ـ ٢٤

«Пас ба онон (ҳатто калимаи) уф магӯ ва бар онҳо овоз баланд макун ва бо эҳтиром ба онон сухан бигӯ. Ва аз рӯи меҳрубонӣ дар баробарашон фурӯтан бош». (Сураи Исро: 23-24).

Шайх Саъд Ал-Ҳумайд

Ҳар гуна азият додани падару модар бо гуфтор ё кирдор нофармонӣ аст, ки фарзанд барои ин кораш гунаҳкор мешавад, зеро ин хилофи амру наҳйи Аллоҳ аст, ки Ӯ ба мо дастур додааст, ки бо онон хушгуфтору хушрафтор бошем. Аллоҳ таъоло мефармояд:

وَقُل لَّهُمَا قَوْلًا كَرِيمًا ۝ وَاخْفِضْ لَهُمَا جَنَاحَ الذُّلِّ مِنَ الرَّحْمَةِ

سورة الإسراء: ٢٣ ـ ٢٤

«Ва бо эҳтиром ба онон сухан бигӯ. Ва аз рӯи меҳрубонӣ дар баробарашон фурӯтан

бош». (Сураи Исро: 23-24).

Ва аз нофармонӣ намудани падару модар бо гуфтору кирдори бад манъ кард.

فَلَا تَقُل لَّهُمَا أُفٍّ وَلَا تَنْهَرْهُمَا

سورة الإسراء: ٢٣

«Пас ба онон (ҳатто калимаи) уф магӯ ва бар онҳо овоз баланд макун». (Сураи Исро: 23).

Агар аз фарзанд чунин амал рух диҳад, пас бояд ба сӯи Аллоҳ таъоло тавба кунад ва аз падару модараш бахшиш бипурсад, то аз азоб наҷот ёбад.